**08.00.00. ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ**
**08.00.00. ЭКОНОМИЧЕСКИЕ НАУКИ**
**08.00.00. ECONOMIC SCIENCES**

08.00.01–Назарияи иқтисодӣ (назарияи иқтисодии умумӣ)
08.00.01-Экономическая теория (общая экономическая теория)
08.00.01 – Economic theory (general economic theory)

УДК: 330.35.01
ББК: 65.012.2
А-50

## ТАСНИФОТИ РУШДИ ИҚТИСОДИИ ВОРИДОТИВАЗУНАНДА ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

***Алиджанов Джамшед Абдукаюмович*** *- номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи назарияи иқтисодии ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров, e-mail:alijonov_jamshed@mail.ru*

## КЛАССИФИКАЦИЯ ИМПОРТОЗАМЕЩАЮЩЕГО ЭКОНОМИЧЕСКОГО РОСТА В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

***Алиджанов Джамшед Абдукаюмович*** *– кондидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой экономической теории ХГУ имени акад. Б. Гафурова, e-mail: alijonov_jamshed@mail.ru*

## CLASSIFICATION OF IMPORT-SUBSTITUTING ECONOMIC GROWTH IN MODERN CONDITIONS

***Alidzhanov Dzhamshed Abdukayumovich*** *- Ph.D. Associate Professor, Head of the Department of Economic Theory KSU named after acad. B. Gafurova, e-mail: alijonov_jamshed@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *рушди иқтисодӣ, воридотивазкунӣ, тараққиёти интенсивӣ, тараққиёти экстенсивӣ, стратегия воридотивазкунӣ, сиёсати воридотивазкунӣ, ҷараёни воридотивазкунӣ.*

*Мақолаи мазкур ба муайян намудани шакл ва намудҳои зоҳиргардии рушди иқтисодии воридотивазкунанда бо назардошти хусусиятҳои соҳаҳои истеҳсоли моддии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар шароити муосири иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон исбот карда шудааст, ки барои таъмини рушди иқтисодии самаранок воридотивазкунии дараҷаи якум, қисмӣ ва комплексӣ бештар мувофиқат мекунад. Бинобар ҳамин дар мақола қайд карда мешавад, ки баҳри рушди соҳаи саноат пеш гирифтани намуди экстенсивии тараққиёти ин соҳа афзалтар буда, барои соҳаи кишоварзӣ намуди интенсивии тараққиёт мувофиқтар ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз аз нуқтаи назари илмӣ тараққиёти индустриалӣ-аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо зарурати таъмини воридотивазкунӣ асоснок карда шудааст.*

***Ключевые слова:*** *экономический рост, импортозамещение, интенсивное развитие, экстенсивное развитие, стратегия импортозамещения, политика импортозамещения, процесс импортозамещения.*

*Данная статья посвящена определению форм и видов проявления импортозамещающего экономического роста с учетом особенностей отраслей материального производства Республики Таджикистан. В современных условиях Республики Таджикистан доказано, что для обеспечения эффективного экономического роста приемлемо импортозамещение первого уровня, частичное и комплексное импортозамещение. В этом контексте в статье указывается, что для развития промышленной отрасли более приемлемо преимущественно экстенсивное развитие, а для сельского хозяйства приемлемо преимущественно интенсивное развитие. В этой связи, с точки зрения научного анализа, обосновано индустриально-аграрное развитие с использованием элментов импортозамещения.*

***Key words:*** *economic growth, import substitution, intensive development, extensive development, import substitution strategy, import substitution policy, import substitution process.*

*This article is devoted to determining the forms and types of manifestation of import-substituting economic growth, taking into account the characteristics of the branches of material production of the Republic of Tajikistan. In the modern conditions of the Republic of Tajikistan, it has been proved that import substitution*

*of the first level, partial and complex import substitution, are acceptable to ensure effective economic growth. In this context, the article indicates that predominantly extensive development is more acceptable for the development of the industrial sector, and predominantly intensive development is acceptable for agriculture. In this regard, from the point of view of scientific analysis, industrial-agrarian development with the use of import substitution elements is substantiated.*

То ҳол ба ягон мамлакат муяссар нашудааст, ки иқтисодиёти солимро ба воситаи ҷудо шудан аз низоми иқтисодии ҷаҳонӣ таъсис диҳад. Шомилшавии мамлакат ба алоқаҳои умумиҷаҳонии хоҷагидорӣ имконият медиҳад, ки он дар якчанд соҳаҳои калидии иқтисодиёт махсусгардонида шавад. Дар ин ҷода таъмини рушди иқтисодии воридотивазкунанда нақши ҳалкунандаро дорад. Зеро дар замони муосир таъмини рушди иқтисодӣ бе назардошти хусусиятҳои иштироки мамлакат дар муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ имконнопазир мебошад.

Дар тадқиқотҳои худ, Сучкова Н.А. қайд мекунад, ки “тавсифи асосии воридотивазкунӣ ин индустриализатсияи иқтисодиёт ба воситаи маҳдудият ва дискриминатсияи воридот амалӣ мегардад”. Ба фикри ӯ, интихоби консепсияи воридотивазкунӣ, таъсисдиҳии асосҳои муайянро барои инкишофи соҳаҳои алоҳидаи саноат ва хоҷагии қишлоқи ватанӣ бо мақсади баланд намудани рақобатпазирии онҳо дар бозори дохилӣ, дар назар дорад [10. С.7].

Дар чунин маънидодкунӣ диққати асосӣ ба баланд намудани рақобатпазирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ ҳамчун шарти асосии амалисозии барномаи воридотивазкунӣ баромад мекунад.

Назарчук Е.Н. зери мафҳуми воридотивазкунӣ “афзоиши истеҳолоти ватаниро дар ҳолати пастшудани истеъмоли молҳои воридотӣ дарк менамояд (танҳо барои он молҳое, ки иваз намудани онҳо имконпазир ва аз ҷиҳати иқтисодӣ мақсаднок мебошад)”. Бо баробари ин, ба фикри Назарчук Е.Н. “маҳсулоти воридотивазкунанда – ин маҳсулоти молистеҳсолкунандагони ватанӣ мебошад, ки аз бозор моли воридотиро аз сабаби хислатҳои ҳавасандгардонии худ иваз мекунад” [7. С.9]. Бо баробари ин Назарчук Е.Н. воридотивазкуниро аз рӯи чунин ҷиҳатҳо таснифот мекунад: сатҳи амалисозӣ (сатҳи микроиқтисод, мезоиқтисод ва макроиқтисод); стратегияи ба бозори дохилӣ, бозори беруна ва ё омехта нигаронида шуда; аз нуқтаи назари базаи истеҳсолии воридотивазкунӣ (дар асоси истеҳсолоти мавҷудбад ва ё истеҳсолоти нав таъсис дода шуда); объектҳои воридотивазкунӣ (маҳсулот, хизмат, таҷҳизот, технологияҳо, ашё ва масолеҳ); самти амалисозӣ (барои қонеъгардонии талаботи инвеститсионӣ ва ё қонеъгардонии талаботи истеъмолӣ); моделҳои дар асоси захираҳо ва технологияҳои худӣ, корхонаҳои муштарак ва ё дар асоси воридоти захраҳо ва технологияҳо) [7. С.10]. Дар чунин маънидодкунӣ, ба фикри мо худи мафҳуми воридотивазкунӣ ва таснифоти он хеле ҷолиб муайян карда шудаанд. Бо вуҷуди ин бояд қайд намуд, ки таснифоти воридотивазкунӣ аз рӯи стратегияи пешниҳод кардаи Назарчук Е.Н., таъиноти онро ба бозори дохилӣ ва берунӣ, инчунин шакли комбинировании онро ҷудо менамояд. Аммо боиси қайд аст, ки чунин таснифоти воридотивазкунӣ, як қатор аломатҳои таъиноти содиротиро фаро мегирад. Аз ин лиҳоз ҳамроҳ намудани таъинот ба бозори беруна аз чорчӯбаи воридотивазкунӣ берун аст. Мо тарафдори ақидаем, ки воридотивазкунӣ дар навбати аввал бояд ба иваз намудани молҳои воридотӣ ва коҳиш додани онҳо дар бозори дохилӣ равона карда шавад, танҳо баъди ноилгардӣ ба ин мақсад, воридотивазкунӣ метавонад ба бозори беруна гузарад. Бо ибораи дигар, амалигардонии воридотивазкунӣ метавонад оҳиста ба намуди тараққиёти ба содирот таъинотдошта гузарад.

Мақсади асосии воридотивазкунӣ таъсис додани маҳсулоти самаранок ва рақобатпазир бо содироти минбаъдаи он мебошад. Бо ибораи дигар, агар воридотивазкунӣ дастгирии молистеҳсолкунандагони ватании маҳсулоти воридотивазкунанда истеҳсол мекардаро дар назар дорад.

Барои аниқ намудани нақш ва аҳамияти воридотивазкунӣ дар мустаҳкамгардонии мавқеъи миллии иқтисодиёт дар муносибатҳои байналхалқии савдо се намуди муайян намудани воридотивазкунӣ пешкаш карда мешавад: воридотивазкунӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ; воридотивазкунӣ ҳамчун ҷараёни иқтисодӣ; воридотивазкунӣ ҳамчун сиёсати иқтисодии давлат.

**Воридотивазкунӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ** низоми муносибатҳои иқтисодиро ифода мекунад, ки ба иваз намудани молҳои воридотӣ баҳри манфиатҳои ҳавасмандагрдонии рушди иқтисодӣ ва дигаргунсозиҳои сохторӣ мувофиқи қонуниятҳои инкишофи тақсимоти байналхалқии меҳнат ва принсипҳои рақобатпазирӣ ва самаранокии иқтисодӣ равона карда шудааст.

**Воридотивазкунӣ ҳамчун чараёни иқтисодӣ**, чараёни объективии афзоиши истеҳсолот, истеъмолот ва содироти минбаъдаи молҳо ва хизматҳои ватаниро дар ҳолати кам намудани истеъмоли молҳои воридотӣ ифода карда, бо сатҳи баланди рақобатпазирӣ ва самаранокии иқтисодӣ нисбат ба молҳои воридотӣ муайян карда мешавад.

**Воридотивазкунӣ ҳамчун сиёсати иқтисодии давлат**, сиёсати асосноки дарозмуддати давлатиро оид ба оптимизатсияи ҳаҷми воридоти молҳо ба воситаи ҳавасмандагрдонии тараққӣ додани молистеҳсолкунандагони ватанӣ ва танзими ғайримустақими воридот бо истифода аз фишангҳои протексионистӣ дар назар дорад.

Дар тадқиқотҳои худ Бодрунов С.Д. маънои воридотивазкуниро ҳамчун стратегия ва сиёсати саноатӣ алоқаманд намуда, чунин қайд мекунад “воридотивазкунӣ як намуди стратегия иқтисодӣ ва сиёсати саноатии давлат ва субъектони хоҷагидорӣ ба ҳисоб рафта, баҳри ҳифзи итеҳсолкунандаи дохилӣ ба воситаи иваз намудани молҳои саноатии воридотӣ ва технологияҳо бо молҳои истеҳсолоти ватанӣ амалӣ карда мешавад, ки мақсади баланд намудани рақобатпазирии маҳсулоти ватаниро аз ҳисоби ҳавасмандгардонии таҷдиди (модернизатсияи) истеҳсолот, баланд намудани самаранокии он ва аз худ намудани номгӯи нави маҳсулот бо арзиши иловашудаи нисбатан баланд, мебошад. Бо вуҷуди ин набояд ба баланд намудани арзиши иловашуда бо ҳар гуна роҳ кӯшиш кард, зеро чунин амал ба афзоиши беасоси хароҷоти истеҳсолӣ, дарозшавии сикли истеҳсолӣ ва қафомонии боз ҳам зиёдтар сабаб шуда метавонад” [1. С.3]. Чунин тарзи васеъкардашудаи маънидодкунии воридотивазкунӣ ба Бодрунов С.Д. имконият дод, ки якчанд ҳадафҳои чунн стратегия муайян карда шаванд, ки ба он пеш аз ҳама баланд намудани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ дохил мешавад.

Барои муайян намудани хислатҳои асосӣ ва шаклҳои зоҳиргардии воридотивазкунӣ бояд як қатор хусусиятҳои он муайян карда шаванд. Якум, истеҳсолоти воридотивазкунӣ метавонад қисаман ва ё пурра аз бозори дохилӣ маҳсулоти воридшавандаро коҳиш диҳад. Аз ин нуқтаи назар бояд воридотивазкунии қисмӣ ва пурраро аз ҳамдигар фарқ намуд. Воридотивазкунии қисмӣ чунин ташкили истеҳсоли маҳсулоти воридшавандаро дар назар дорад, ки ҳангоми он моли воридотӣ қисман аз бозори дохилӣ коҳиш дода мешавад. Дар чунин ҳолат воридотивазкунӣ имконият медиҳад, ки қисми бозори дохилӣ бо молҳои ватанӣ ғанӣ гардонида шавад, ки пештар ворид карда мешуданд. Воридотивазкунии пурра чунин ташкили истеҳсоли молҳои воридшавандаро дар назар дорад, ки моли ватанӣ пурра воридоти маҳсулоти хориҷиро аз бозори дохилӣ аз сабаби афзалиятҳои рақобатнокии худ, қатъ мегардонад. Дуюм, ташкили истеҳсоли воридотивазкунанда бо истифодаи захираҳои дохилӣ ва хориҷӣ имконпазир аст. Дар ин ҷода бояд дар назар дошт, ки бо мақсади ташкили истеҳсолоти воридотивазкунанда омилҳои истеҳсолии хориҷӣ (ашё хом, масолеҳ ва таъминоти техникии корхонаҳо) истифода шуданаш мумкин аст. Аз ин нуқтаи назар бояд воридотвазкунии стаҳи якум ва дуюмро фарқ намудан зарур аст. Воридотивазкунии стаҳи якум, чунин ташкили истеҳсоли молҳои воридотиро дар назар дорад, ки истифодаи омилҳои истеҳсолоти хориҷиро дар назар дорад (таҷҳизотҳои истеҳсолӣ, ашё, масолеҳ, захираҳои меҳнатӣ ва ғайра). Воридотивазкунии сатҳи дуюм, чунин ташкили истеҳсолоти моли воридотиро дар назар дорад, ки дар он ҳаматарафа афзалиятҳои муқоисавии мамлакат истифода шуда, омилҳои истеҳсолоти хориҷӣ истифода намешаванд. Сеюм, воридивазкунӣ метавонад характери соҳавӣ дошта бошад, яъне он метавонад соҳаҳои аниқи иқтисодиёти миллиро фаро гирад, ки дар онҳо истеҳсоли молҳои пештар воридшаванда амалӣ карда мешавад. Ба ин сифат истеҳсолоти саноатӣ ва ё хоҷагии қишлоқ баромад карда метавонад. Инчунин ҳолате а назар расиданаш мумкин, ки дар он воридотивазкунӣ ҳамаи соҳаҳои калидии иқтисодиёти миллиро фаро гирад. Албатта ин ҳолатҳо аз афзалиятҳои муқоисавии мамлакат ва таъминоти он бо омилҳои истеҳсолот вобастагӣ дорад. Бояд қайд намуд, ки дар адабиёти иқтисодӣ ба воридотивазкунии соҳавӣ диққат дода намешавад, зеро дар аксарияти корҳои чопшуда, диққати асосӣ ба ивазшавии маҳсулоти саноатӣ дода мешавад. Агар воридотивазкунӣ дар соҳаи саноат вуҷуд дошта тавонад, баро чӣ чунин стратегия дар соҳаи хоҷагии қишлоқ, соҳаи хизматрасонӣ, сохтмон ва ғайра вуҷуд дошта наметавонад. Ҳамин тавр қайд кардан мумкин аст, ки:

- воридотивазкунӣ ҳамчун стратегияи тараққиёти иқтисодиёти миллӣ, ташкили истеҳсоли молҳои пештар воридмешударо дар назар дорад, ки дар натиҷа он бояд ба коҳишёбӣ ва ё пурра қатъ гардидани воридоти чунин молҳо оварда расонад;
- аз рӯи дараҷаи коҳиш додани молҳои воридотӣ аз бозори дохилӣ, воридотивазкунии қисмӣ ва ё пурра фарқ кардан зарур аст;

- аз рӯи сатҳи истифодабарии захираҳои истеҳсолии дохилӣ ва хориҷӣ дар ҷараёни ташкили истеҳсолоти воридотивазкунанда фарқ намудани воридотивазкунии стаҳи якум ва дуюм мақсаднок ба ҳисоб меравад;
- аз рӯи соҳаҳо, воридотиазкунӣ метавонад саноатӣ, хоҷагии қишлоқ ва ё комплексӣ (комбиниронӣ) бошад.

Таснифоти ифодагаштаи шаклҳои зоҳиргардии воридотивазкунӣ, аз нуқтаи назари методологӣ имконият медиҳад, ки кадом шакли воридотивазкунӣ барои паст намудани сатҳи вобастагии воридот дар шароити муосири иҷтимоӣ-иқтисодӣ зарур аст. Ба замми ин чунин муносибат ба таснифоти воридотивазшаванда, метавонад ба интихоби босифати механизмҳои ин стратегия хизмат намояд.

Дигар ҷабҳаи интихоби шакл ва намуди рушди иқтисодии воридотивазкунанда, ин муайян намудани афзалиятҳои роҳи экстенсивӣ ва интенсивии тараққиёт ба ҳисоб меравад. Асоси методологии тақсимкунии рушди иқтисодии воридотивазкунанда ба намудҳои экстенсивӣ ва интенсивӣ, назарияи макроиқтисодии такрористеҳсоли васеъ баромад мекунад. Лаҳзаи ибтидоӣ оид ба дарки моҳияти рушди иқтисодии экстенсивӣ ва интенсивӣ, ақидаи К. Маркс оид ба амалигардии такроритеҳсол бо масштаби васеъшавӣ ба ҳисоб меравад, ки мувофиқи он рушди экстенсивӣ дар ҳолате ба миён меояд, ки агар танҳо ҳаҷми истеҳсолот васеъ шавад, рушди интенсивӣ бошад истифодаи самараноки воситаҳои истеҳсолотро дар назар дорад [6. С. 193].

Дар воқеъ дар ҳамагуна иқтисодиёт намудҳои экстенсивӣ ва интенсивии рушди иқтисодӣ боҳамдигар зич алоқаманд мебошанд. Лекин, кайд кардан зарур аст, ки омилҳои рушди иқтисодии экстенсивӣ ва интенсивӣ дар мамлакатҳои ва низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии гуногун дар комбинатсияҳои ҳархела ва таносубҳои муайян истифода мешаванд. Масалан, афзоиши воситаҳои истеҳсолот ва қувваи корӣ метавонад аз ҳисоби намудҳои экстенсивӣ ва интенсивии рушди иқтисодӣ ба миён ояд. Аз нуқтаи назари экстенсивӣ, афзоиши воситаҳои истеҳсолот ва қувваи корӣ нишондоди миқдорӣ буда, ин ҷараён ҳамчун интенсивӣ низ ба ҳисоб рафтанаш мумкин аст, зеро ба кор андохтани фондҳои асосӣ дар заминаи техникаи нав, ҷалби қувваи кории тахассуснок амалӣ карда мешавад. Бо вуҷуди ин дар ягонагӣ намудҳои экстенсивӣ ва интенсивии рушди иқтисодӣ маҷмӯи алоқаҳои сабабӣ-оқибатиро (причинно-следственные связи) дар низоми истеҳсолоти ҷамъиятӣ ифода мекунанд, ки таркиб, нишондодҳо ва натиҷаҳои тағйиротҳои миқдорӣ ва сифатиро дар омилҳои истеҳсолот ва мувофиқан дар омилҳои рушди иқтисодӣ дар заминаи истифодаи дастовардҳои илму техника инъикос менамоянд. Бинобар ҳамин намудҳои экстенсивӣ ва интенсивии рушди иқтисодӣ бояд ҳамчун қисматҳои ҷараёни ягонаи тараққиёти иқтисодӣ мушоҳида карда шаванд. Ба алоқамандии намудҳои экстенсивӣ ва интенсивии рушди иқтисодӣ, шакли омехтаи онҳо нигоҳ накарда, ҳар як низоми иқтисодӣ вобаста аз ҳолати аслии иҷтимоӣ-иқтисодӣ бояд дастовардаи натиҷаҳои самарабахши рушди иқтисодиро муайян намояд.

Аз ин лиҳоз қобили қайд аст, ки мувофиқати намуд ва шаклҳои зоҳиргардии рушди иқтисодии воридотивазкунанда дар ҳар як низоми иқтисодӣ бо комбинатсияҳои гуногун баромад карда метавонанд. Дар навбати худ чунин комбинатсия аз мақсадҳои тараққиёт ва иқтидори иҷтимоӣ-иқтисодӣ, шароитҳои табиӣ-иқлимӣ, географӣ, демографӣ ва дигар шароитҳои мамлакат вобаста аст.

Баҳри таъмини рушди иқтисодии воридотивазкунанда, ба ҷамъияти имрӯза зарур аст, ки ин ё он намуди зоҳиргардии онро муайян намояд, ки барои дастрасии натиҷаҳои баланд мусоидат намояд.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудани намуд ва шакли зоҳиргардии рушди иқтисодии воридотивазкунанда бояд бо дар назардошти тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва масъалаҳои аввалиндараҷаи дар назди ҷамъият истода, муайян карда шавад.

Маълум аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи шароити табиӣ-иқлимӣ ва ҷойгиршавии географӣ малакати кӯҳӣ ба ҳисоб меравад, 93% масоҳати мамлакатро кӯҳҳои низоми кӯҳсорҳои баланди Осиёи Миёна ташкил мекунанд. Иқлими Тоҷикистон субтропикӣ мебошад. Аз рӯи нишондодҳои иқтидории захираҳои гидроэнергетикӣ, Тоҷикистон байни мамлакатҳои ИДМ ҷои дуюмро ишғол мекунад (баъд аз Руссия).

Бо баробари ин намуди рушди иқтисодии воридотивазкунандаи барои Тоҷикистон мувофиқ бояд дар маҳдудиятҳои муайян асос гирад, ки дар назари аввал эҳтимолияти рушди иқтисодиро мушкилтар мекунанд. Тоҷикистон ба чунин намуд ва ё комбинатсияи намуд ва шаклҳои зоҳиргардии рушди иқтисодии воридотивазкунанда ниёз дорад, ки дар навбати аввал барои баланд намудани сатҳи шуғли аҳолӣ, пеш аз ҳама дар бахши аслии иқтисодиёт ва дар ин ҷода дастрас намудани натиҷаҳои хуби иҷтимоӣ мусоидат намояд. Яъне пеш аз ҳама бояд барзиёдии захираҳои меҳнатии мамлакатро ба инобат гирифт.

Бо дар назардошти чунин шароитҳо, қайд кардан мумкин аст, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароитҳои имрӯза барои дастрасии рушди иқтисодии муътадил, чунин комбинатсияи намудҳои рушди иқтисодии воридотивазкунанда афзалиятнок ба ҳисоб меравад, ки хусусиятҳои соҳаҳои (бахшҳои) иқтисодёти миллиро ба инобат гиранд.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин комбинатсияи намудҳои рушди иқтисодии воридотивазкунанда мутобиқ аст, ки хусусияти хоси инкишофи бахши саноат ва хоҷагии қишлоқи иқтисодиётро ба инобат гирад.

Рушди экстенсивии хоҷагии қишлоқ барои Тоҷикистон бо сабабҳои набудани имконияти васеъшавии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ аз сабаби маҳдудияти заминҳои корам мутобиқат намекунад. Бо баробар ин дар бахши аграрии иқтисодиёти миллӣ тақрибан 67% захираҳои меҳнатӣ машғуланд, ки оиди ҳосилнокии пасти меҳнат дарак медиҳад. Боиси қайд аст, ки дар аксарияти мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон дар ин бахш ҳамагӣ 3-5% захираҳои меҳнатӣ бо шуғл машғуланд. Аз ин ҷо бар меояд, ки истифодабарии намуди интенсивии рушди иқтисодии воридотивазкунӣ дар ин бахш дар шароити Тоҷикистон манфиатбахш ба ҳисоб меравад. Дар шароити имрӯза Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои 4574,9 ҳазор гектар заминҳои хоҷагии қишлоқ буда, ҳамагӣ 851,9 ҳазор гектар заминҳои обёришуда дорад. Аз ин ҷо бармеояд, ки дар ҳолати мавҷудияти чунин захираҳои заминҳои корам, тараққиёти экстенсивии бахши аграрӣ имкониятҳои маҳдуд дорад. Бинобар ҳамин, дар шароити маҳдудияти масоҳати заминҳои корам масъалаи аввалиндараҷа ин баланд намудани ҳосилнокии меҳнат аз ҳар як гектар ба ҳисоб меравад, яъне роҳи интенсивии тараққиёт. Бо вуҷуди ин роҳи интенсивии тараққиёти бахши аграрӣ бояд ба самаранокии истифодаи иқтидори захираҳои табиӣ ва меҳнатии мамлакат асос гирад. Чунин хусусияти хоси бахши аграриро ба инобат гирифта, академик Қаюмов Н.К., қайд мекунанд, ки асоси рушди ин соҳа бояд гузариши он ба асоси тараққиёти индустриявӣ, истифодаи усулҳои “табаддулоти сабз” ва дигар чораҳо оид ба шиддатёбии афзоиши истеҳслоти хоҷагии қишлоқ ба ҳисоб меравад [4. С.115].

Бисёр мамлакатҳои дунё бо аҳолии зиёд дар асоси индустриякунонӣ ва ҷорӣ намудани натиҷаҳои пешравии илму техника дар хоҷагии қишлоқ мушкилоти мустақилияти озуқавории мамлакатро ҳал намуда, бо баробари ин воридоти озуқавориро коҳиш додаанд.

Дар шароити камзаминӣ ва афзоиши босуръати захираҳои меҳнатӣ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодабарии интенсификатсиякунонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ бо ворид намудани дастовардҳои пешравии илму техника ягона роҳи тараққиёти бахши аграрӣ ба ҳисоб меравад. Лекин, истифодабарии омилҳои интенсивӣ ва дастовардҳои пешравии илму техника дар бахши аграрии иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар намуди номусоид ба назар мерасад, ки бо дараҷаи муайян тараққиёти ин бахшро ва инчунин саҳми онро дар дастрасии мақсадҳои рушди иқтисодии воридотивазкунанда боздошта истодааст.

Омили асосии тараққиёти иқтисодиёт ва махсусан соҳаи саноат мавҷудияти захираҳои табиӣ-ашёвӣ ба шумор мераванд. Маълум аст, ки чӣ қадаре, ки мамлакат бо захираҳои табиӣ таъмин бошад, он барои тараққиёт имкониятҳои васеъро дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо захираҳои табиии зиёд тавсиф карда мешавад: гидроэнергетикӣ, масолеҳи кимиёвӣ, полиметаллӣ ва унсурҳои камёфти заминӣ, металлҳои қиматбаҳо, сангҳо ва ғайра. Бо вуҷуди ин ҳолати иқтисодии мамлакат бо сатҳи пасти шуғли ин захираҳо тавсиф карда мешавад. Бинобар ҳамин дар чунин шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон барои инкишофи бахши саноатӣ, ба фикри мо истифодаи омилҳои нисбатан экстенсивии рушди иқтисодӣ мувофиқанд, ки воридотивазкунии маҳсулоти соҳаи мазкурро таъмин карда метавонанд. Айнан намуди нисбатан экстенсивии рушди иқтисодӣ истифодаи ҳаматарафаи захираҳои табиӣ ва захираҳои меҳнатиро дар ҷараёни истеҳсолот дар назар дорад. Бо баробари ин рушди экстенсивии бахши саноат метавонад ба пастшавии мутасил ва бартараф намудани пурраи сатҳи камбизоатӣ ва бекорӣ мусоидат намояд.

Дар шароити имрӯза тақрибан 67% захираҳои меҳнатии мамлакат дар бахши аграрӣ машғул буда, ҳосилнокии меҳнат бошад дар ин бахши иқтисодиёти миллӣ дар сатҳи паст қарор дорад. Ба ақидаи иқтисодчиёни ватанӣ “афзоиши аҳолинишинии аграрӣ ва мустаҳкамгардии сохтори аграрии шуғли аҳолӣ ба пастшавии сатҳи истифодабарии қувваи корӣ дар хоҷагии қишлоқ оварда расонид” [5. 42].

Асосноккунии назариявии тараққиёти интенсивии бахши аграрӣ барои мамлакати аҳолии зиёд дошта, ба таври маъмул дар модели дусектораи рушди иқтисодии А. Люис инъикос ёфтааст. Модели А. Люис захираи қувваи кориро ҳамчун асоси рушди иқтисодӣ маънидод мекунад. Модели дусектораи А. Люис, азнавтақсимкунии қисми захираҳои меҳнатиро аз бахши аграрӣ ба саноат дар назар дорад, ки шиддатёбии суръати рушди иқтисодиро таъмин менамояд. Мувофиқи ин модел сарчашмаи шиддатёбии рушди иқтисодӣ дар саноат миқдори иловагии

қувваи корӣ ба ҳисоб меравад. Яъне дар ни ҷо сухан оиди намуди экстенсивии рушди иқтисодӣ меравад. Дар хоҷагии қишлоқ, мувофиқи модели А. Люис сарчашмаи шиддатёбии суръати рушди иқтисодӣ баланд шудани ҳосилнокии меҳнат ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷо сухан оиди рушди иқтисодии интенсивӣ меравад. Ин модел дар як қатор мамлакатҳои ҷаҳон бо назардошти шароитҳои махсуси онҳо истифода шуда буд.

Мутобиқати тараққиёти экстенсивии бахши саноатӣ бо он асос меёбад, ки аз рӯи инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда, дараҷаи ҷалби захираҳои табиӣ ва захираҳои меҳнат ба хоҷагидории миллӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба минтақаи азхудкунии ибтидоӣ дохил карда мешавад. сатҳи истифодабарии иқтидори истеҳсолӣ дар иқтисодиёти миллӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки захираҳои рушди истеҳсолоти саноатӣ аз ҳисоби истифодабарии иқтидорҳои истеҳсолии мавҷудбуда ниҳоят калон мебошад. Оид ба мавҷудияти чунин имкониятҳои иқтисодӣ чандин маротиба дар баромадҳо ва мақолаҳои Прездиенти мамлакат, Эмомалӣ Раҳмон қайд шуда буд. Ҳамаи ин имкон медиҳад, қайд намоем, ки истифодаарии омилҳои экстенсивии рушди иқтисодӣ дар бахши саноатӣ дар дурнамои наздик ва дарозмуддат асоси стратегияи тараққиёти воридотивазкунӣ баромад мекунад.

Бояд қайд намуд, ки намуди экстенсивии рушди иқтисодӣ барои бахши саноат истифодаи иқтидорҳои истеҳсолии мавҷудбуда ва васеъшавии ҳаҷми корхонаҳоро дар назар дорад. Бо баробари ин ҳангоми истифодабарии меҳнат ва дигар омилҳои истеҳсолот, механизмҳои иқтисодӣ бояд ба чунин стратегияи саноат мувофиқат кунанд, ки истифодаи иқтидорҳои мавҷударо таъмин намуда, сохтмони корхонаҳои нави исеҳсолиро ва аз нав таҷдиди соҳаҳои ёрирасонро дар назар дорад. Бояд мушкилоти баланд намудани сифати тайёркунии захираҳои меҳнатиро ҳал намуда, онҳоро ба талаботҳои рақобати бозорӣ мутобиқ намуд. Дар ин ҷода коркард ва амалисозии сиёсати саноатии нав бо назардошти сиёсати молиявӣ ва пулию қарзӣ зарур аст, ки хусусиятҳои хоси минтақа ва иқтисодиёти гузаришро ба назар гирад.Бояд дар назар дошт, ки дар иқтисодиёти миллии кишвар соҳаҳои алоҳидае ҳастанд, ки бо роҳи экстенсивӣ инкишоф ёфа наметавонанд. Ба ин соҳаҳо пеш аз ҳама хоҷагии қишлоқ дохил мешавад, ки танҳо бо роҳи интенсивӣ пеш рафта метавонад. Дар шароити иқтисодиёти гузариш, бахши саноати иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ва имконият дорад аз ҳисоби омилҳои рушди иқтиссодии экстенсивӣ воридотивазкуниро таъмин намуда, сатҳи бехатарии иқтисодиро баланд намояд.

Таъмини инкишофи бахши саноат, ҳамчун асоси ноилгардии рушди иқтисодии воридотивазкунанда, пешрафти ҳама намуди соҳибкориро дар бахши саноатӣ дар назар дорад. Айнан инкишоф ва васеъшавии ҳама шаклҳои соҳибкорӣ метавонад барои таъмини захираҳои меҳнатӣ бо ҷойҳои корӣ заминаи устуворро фроҳам оварад. Бе шубҳа дар ин ҷода инкишофи соҳибкории хурду миёна нақши ҳалкунандаро дорад. Аҳамияти афзалиятноки соҳибкории хурду миёна дар он аст, ки онҳо метавонанд такони аввалиндараҷаро барои тараққиёти саноат фароҳам оварда, ҳамчун анклав қисми тайёри захираҳои меҳнатии озодро ба фаъолияти иқтисодӣ ҷалб намояд. Боиси қайд аст, ки айнан тараққиёти ин соҳа дар кшиварҳои зиёд имкон дод, ки рушди иқтисодии воридотивазкунандаро дар шароити иқтисодиёти гузариш таъмин намоянд.

Ҳамин тавр, барои ҳавасмандгардонии рушди иқтисодии воридотивазкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин комбинатсияи намуд ва шаклҳои зоҳиргардии он мутобиқ аст, ки тараққиёти бахши аграриро бо омилҳои интенсивӣ ва тараққиёти саноатро бо омилҳои экстенсивӣ дар назар дошта бошад. Бояд дар назар дошт, ки афзоиши истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ дар асоси ҷорӣ намудани дастовардҳои пешрафти илму-техника ва баланд намудани ҳосилнокии заминҳо дастрас карда шавад. Бо баробари ин истифодабарии омилҳои экстенсивиро низ дар ин соҳа инъикор кардан нодуруст аст. Аз ҳисоби афзоиши интенсивии ҳаҷми итеҳсолоти хоҷагии қишлоқ, бояд миқдори корхонаҳое, ки бо коркард, нигоҳдорӣ ва то харидор расонидани маҳсулоти кишоварзӣ машғуланд, зиёд карда шаванд. Бо вуҷуди ни бояд дар назар дошт, ки омилҳои асосии тараққиёти бахши аграрӣ бояд омилҳои интенсивии рушди иқтисодӣ баромад кунанд, зеро захираҳои рушди экстенсивии соҳа ниҳоят маҳдуданд.

Дар бахши саноати иқтисодиёти миллӣ, ба ақидаи мо истифодабарии намуди экстенсивии рушд бо истифодабарии принсипҳои воридотивазкунии қисмӣ мутобиқат мекунад. Ин хулоса ба он асос меёбад, ки азхудкунии захираҳои табиӣ дар мамлакати мо дар сатҳи ибтидоӣ қарор дорад. Бо баробари ин барои баланд намудани стаҳи шуғли аҳолӣ ва паст намудани сатҳи бекорӣ, бояд ҳаҷми саноат ба воситаи истифодабарии иқтидорҳои истеҳсолии мавҷудбуда ва таъсиси корхонаҳои истеҳсолии нав дар асоси инкишофи соҳибкории хурду миёна, афзоиш дода шавад.

Бояд дар назар дошт, ки афзоиши истеҳсолоти саноатӣ бо мақсади ҷалби шумораи зиёди захираҳои меҳнатӣ, характери меҳнатталабиро пайдо намояд. Бо баробари ин инкишофи экстенсивии бахши саноатро ҳамчун марҳилаи аввал баҳо дода, дар дурнамо гузариши ин соҳаро ба намуди рушди интенсивӣ ба назар гирифт. Оид ин гуфтаҳо таърихи инкишофи тамаддуни инсонӣ низ гувоҳӣ медиҳад. Зеро тараққиёти иқтисодӣ ҳамавақт аз истифодаи омилҳои экстенсивии рушди иқтисодӣ оғоз ёфта, сипас бо назардошти камшавии захираҳои тараққиёти экстенсивии истеҳсолот, бо истифодаи ҳаматарафаи дастовардҳои пешрафти илму техника гузариш ба роҳи интенсивии тараққиёт суръат мегирад. Гузариши намуди экстенсивии рушд ба рушди интенсивӣ дар асоси амал намудани қонуни диалектикӣ – гузариши миқдор ба сифат суръат мегирад.

Истифодабарии комбинатсияҳои намудҳо ва шаклҳои зоҳиргардии рушди иқтисодии воридотивазкунанда дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, имконият медиҳад, ки воситаҳои аз ҳисоби ҳосилҳои баланди аз хоҷагии қишлоқ ба даст овардашуда, барои тараққиёти экстенсивии бахши саноат васеъ истифода бурда шаванд. Дар дурнамо чунин тамоюл имкон медҳад, ки иқтисодиёти ҷумҳурӣ аз тараққиёти аграрӣ-индустриявии аз воридот вобаста дошта ба тараққиёти индустриявӣ-аграрӣ бо ҷиҳатҳои воридотивазкунӣ гузарад, ки барои мақсадҳои заминагузории тараққиёти самараноки иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оянда муосидат намояд. Ба тараққиёти устувори интустриалӣ-аграрии тараққиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои демографӣ, ҷараёни шаҳришавӣ, тамоюли мусбат, қобилияти меҳнатии аҳолӣ ва ғайраҳо мусоидат мекунанд, ки мустақилияти сиёсиву иқтисодии мамлакатро боз ҳам мустаҳкам мекунанд.

Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки дар марҳилаи муосири тараққиёти иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дараҷаи рӯйпӯш намудани ҳаҷми воридот, воридотивазкунии қисмӣ афзалтар буда, аз рӯи истифодабарии захираҳои истеҳсолӣ воридотивазкунии сатҳи якум мувофиқ мебошад. Чунин ҳолат бо он асос меёбад, ки аз сабаби ҳолати боздоштшавии истеҳсолот, ки солҳои тӯлонӣ ба назар мерасад, техника ва технология истеҳсолӣ ҳам аз ҷиҳати маънавӣ ва ҳам моддӣ фарсуда шудааст. Дар ин вазъияти ба миён омада, сухан гуфтан оид ба воридотивазкунии сатҳи дуюм ягон асоси мантиқӣ надорад. Ҳавасмандгардонии рушди иқтисодии воридотивазкунӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд бо дарназардошти тараққиёти экстенсивии бахши саноат ва тараққиёти интенсивии бахши кишоварзӣ амалӣ карда шавад. Бинобар ҳамин истифодабарии стратегияи воридотивазкунии тараққиёти соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ бо назардошти истифодабарии техника ва технологияи истеҳсолии навтарин ҳамрадиф шуда, бахри таъмини сатҳи мувофиқи рақобатпазирии молҳои ватанӣ равона карда шавад. Мақсадҳои асосии амалигардонии барномаи воридотивазкунӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд таъмини тавозуни савдои мусбат, мустаҳкам намудани бехатарии иқтисодии мамлакат, ҳавасмандгардонии тараққиёти молистеҳсолкунандагони ватанӣ ва паст намудани вобастагии воридотӣ баромад кунад.

Муносибати комплексӣ ба воридотивазкунӣ имкон медиҳад, ки вазифаи такрористеҳсолӣ ҳавасманд карда шавад, ки бевосита ҳаҷм ва таносубҳои такрористеҳсоли васеъро муайян мекунад. Бо баробари ин, аз ҳисоби воридотивазкунӣ шароитҳо барои такрористеҳсоли васеъ фароҳам оварда мешаванд, ки бо эҳтиёҷоти афзуншавандаи аҳолӣ ҳавасмандгардонида мешаванд. Бояд қайд намуд, ки айнан ба воситаи ба роҳ мондани ҷараёни такрористеҳсол по роҳи муносибати комплексӣ ба воридотивазкунӣ, мубаддалшавии захираҳои табиӣ ба неъматҳои моддии барои ҷамъият зарур ба миён меояд.

## АДАБИЁТ


1. Бодрунов С.Д. Теория и практика импортозамещения: уроки и проблемы / монография / СПб. ИНИР им. С.Ю. Витте,2015. – 171 . С. 3.
2. Гавриленко В.Г., Никитенко П.Т., Ядевич Н.И.//Большой энциклопедический словарь. Минск, 2002. С. 85.
3. Каюмов Н.К. Приоритеты и меры по стимулированию экономического развития Республики Таджикистан в переходный период. Экономика Таджикистана: стратегия развития. Душанбе.2001г. №3 С. – 115. С.113.
4. Каюмов Н.К., Назаров Т.Н., Махмудов И.И., Рахимов Р.К., Умаров Х.У. Глобализационные процессы и экономические проблемы Таджикистана. //Экономика Таджикистана: стратегия развития. Душанбе. 2003 №4. С.42
5. Маркс К., Энгельс Ф., Соч. 2 – е. Изд. Т. 24 – С. 193.
6. Назарчук. Е.Н. Теоретические и методические основы эффективного импортозамещения на Российских промышленных предприятиях. Автореферат на соискание ученой степени к.э.н. Самара – 2007. С. 9.

7. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2020. Душанбе, 2020.
8. Старовойтова О.В. Импортозамещение в условиях малой открытой экономики. Автореферат дис. на соискание уч. степени к. эконом. наук. Минск 2011. С. 6.
9. Сучкова Н.А. Импортозамещение в продовольственном секторе России. Автореферат дисс. на соискание уч. степени к. эконом. наук. Москва 2009. С. 8.

REFERENCES

1. Bodrunov S.D. Theory and practice of import substitution: lessons and problems / monograph / SPb. INIR them. S.Yu. Witte, 2015. – 171. Pp.- 3.
2. Gavrilenko V.G., Nikitenko P.T., Yadevich N.I.// Big encyclopedic dictionary. Minsk, 2002. C- 85.
3. Kayumov N.K. Priorities and measures to stimulate economic development of the Republic of Tajikistan in the transition period. Economy of Tajikistan: Development Strategy. Dushanbe. 2001 No. 3 P. - 115. P-113.
4. Kayumov N.K., Nazarov T.N., Makhmudov I.I., Rakhimov R.K., Umarov Kh.U. Globalization processes and economic problems of Tajikistan. // Economy of Tajikistan: development strategy. Dushanbe. 2003 No. 4. P.42
5. Marx K., Engels F., Soch. 2nd ed. T. 24. P. 193.
6. Nazarchuk. E.N. Theoretical and methodological foundations of effective import substitution at Russian industrial enterprises. Abstract for the degree of Ph.D. Samara - 2007.P. 9.
7. Omori solonai Jumkhurii Tokikiston 2020. Dushanbe, 2020.
8. Starovoitova OV Import substitution in a small open economy. Abstract dis. to apply for an account. degree K. economy. sciences. Minsk 2011.P. 6.
9. Suchkova N.A. Import substitution in the food sector in Russia. Abstract dissertation. to apply for an account. degree K. economy. sciences. Moscow 2009.P. 8.